Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

31 январи соли 2024 Чоршанбе № 9 (15020)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# ХОТИРАИ НАХУСТИН ПРЕЗИДЕНТ ПОС ДОШТА ШУД

**Президент Шавкат Мирзиёев 30 январ ба пояи муҷассамаи Ислом Каримов дар шаҳри Тошканд гулчанбар гузошт.**






Бе хотираи таърихӣ оянда нест. Мо хидматҳои таърихии Президенти Нахустинро дар ба даст овардани истиқлолият ва сохтмони давлатӣ бо эҳтиром ба ёд меорем.

Ба шарофати таваҷҷуҳи Сарвари давлатамон Шавкат Мирзиёев хотираи Нахустин Президент абадӣ гардонида шуда, мақбараи ӯ бунёд гардид. Таҷлили зодрӯзи ӯ – 30 январ ба анъана табдил ёфтаааст.

Пос доштани хотираи фарзандони фарзонаи Ватан арзиши муҳими мардуми мост. Маросими ёдбуди имрӯза боз як таҷассуми он гардид. Оятҳои Қуръон хонда ва дуо гуфта шуд. Дар бораи хидматҳои Ислом Каримов дар таъмини манфиатҳои халқи мо, сифатҳои инсонии ӯ сухан ронданд.

Дар ин маросим, ки дар Маҷмааи ёдгории илмию маърифатии ба номи Ислом Каримов баргузор шуд, инчунин аъзои палатаҳои Олий Маҷлис, намояндагони Маъмурияти Президент ва ҳукумат, арбобони илму фарҳанг, аҳли ҷомеаи шаҳр иштирок доштанд.

Ба пояи муҷассамаҳои Нахустин Президент дар шаҳрҳои Самарқанд ва Қаршӣ низ гулҳо гузошта шуданд.

**ЎзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

# ДАРАҶАИ МАҲАЛЛИКУНОНӢ БОЛО МЕРАВАД

*Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «UzXCMG»-и шаҳри Урганҷ ба истеҳсоли ҳамаи навъҳои экскаваторҳои гидравликӣ, техникаҳои сохтмонӣ ва роҳсозӣ, ҳамчунин расондани хидмати техникӣ ба онҳо ихтисосонида шудааст. Иқтидори истеҳсоли солонаи маҳсулоти ин корхонаи муштараки Ўзбекистон ва Чин 300 ададро ташкил менамояд. Дар давоми фаъолияташ то имрӯз ба ҳисоби миёна бештар аз 2 ҳазору 500 адад техника истеҳсол намудааст. Даромади солонааш ба буҷа аз 20,4 миллиард сўм иборат. Дар корхона 104-то ҷойи корӣ офарида шудааст.*

*Дар корхона қисмҳои будкунандаи серзинаи экскаваторҳои гидравликӣ дар 10 русум маҳаллӣ кунонда шудааст. Дараҷаи маҳаллисозӣ 33-42 фоизро ташкил менамояд.*

*Бо мақсади баланд бардоштани дараҷаи маҳалликунонӣ аз корпоратсияи «XCMG»-и Чин дар соли 2023 таҷҳизоте, ки 143 ҳазор доллари ИМА арзиш доранд, оварда шуданд.*

*Оянда дар доираи васеъсозии корпоратсияи саноати байнисоҳавӣ ба нақша гирифта шудааст, ки иштирок мекунад. Ин натиҷа бахшида, ба васаеъ шудани ҳаҷми содирот хидмат менамояд.*



*Корхонаи муштарак тавассути Бунёди рушди Ўзбекистон – Қирғизистон ба Ҷумҳурии Қирғизистон экскаватор содир менамояд. Корхона бо маҳсулоти худ дар намоиш ва ярмаркаҳо, ки давлатҳои Осиёи Марказӣ ташкил мекунанд, мунтазам дараҷаи маҳаллигардонӣ аз 51 фоиз боло бардошта, арзиши аслии маҳсулотро коҳиш ва содирот ривоҷ дода шавад.*

***Дар сурат:** дар ҶММ «UzXCMG»-и шаҳри Урганҷ.*

***Суратгир: Б. САИДОВ (ЎзА).***

***Президенти мамлакат Ш. Мирзиёев 22 декабри соли 2023 дар ҷамъомади Шӯрои маънавият ва маърифати ҷумҳурӣ ба рушди театр ва музейҳо дахолат намуда, ба кормандони мақомоти давлатӣ супориш дод, ки моҳе як бор «Рӯзи театр»-ро ташкил намоянд.***

## РОҲБАРОН ДАР ТЕАТР

29 январи соли ҷорӣ роҳбарони секторҳо, ҷонишинони ҳоким, мутасаддиёни корхонаю ташкилот, муассисаҳои таълимӣ ва аъзои оилаҳои онҳо, инчунин сайёҳони хориҷӣ бо сарварии ҳокими вилояти Бухоро Ботир Зарифов ба театри драмаи мусиқии вилоят ташриф оварданд.

Барои онҳо фоҷиаи У. Шекспир «Ричарди III» (таҳиягар Артисти шоистаи Ўзбекистон Валихон Умаров) намоиш дода шуд. Намоишнома аз ҳаёти ҳукмдори асри XVI Ричарди III нақл намуда, ғолиб омадани некиро аз болои бадӣ талқин месозад.

Тамошои асари саҳнавӣ ба ҳозирон писанд омад. Бинобар чораю тадбирҳои андешидашуда ба театр рафтани роҳбарон идома меёбад.

**А. АВЕЗОВ, мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

# МУБОРИЗА АЛАЙҲИ ИҚТИСОДИЁТИ ПИНҲОНӢ

***Вазъияти ноустувор дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ, хатарҳои марбут ба таҳримҳои иқтисодии кишварҳо нисбати ҳамдигар, маҳдудиятҳои гуногуни молиявӣ на танҳо ба иқтисодиёти ин кишварҳо, балки ба давлатҳои ҳамсоя низ таъсир мерасонад.***

Дар чунин вазъияти мураккаб бо мақсади таъмини суръати мӯътадили рушди бахшҳои иқтисодиёт, пеш аз ҳама, васеъ истифода бурдани имкониятҳои дохилии кишвар, муборизаи оштинопазирона бар зидди иқтисодиёти пинҳонӣ, ки ба рушди иқтисодӣ таъсири манфӣ мерасонад, қонунӣ гардонидани фаъолияти онҳо аз ҳарвақта рӯзмарра боқӣ мемонад.

Айнан ҳақиқат аст, ки иқтисодиёти пинҳонӣ садди роҳи рушди мост ва зиёд шудани ҳолатҳои шуғли соҳибкорӣ ва фаъолиятҳои дигари зидди қонун метавонад барои тараққиёт хатари ҷиддӣ дошта бошад.

Аз рӯйи таҳлил муайян шудааст, ки дар соҳаҳои хидматрасонӣ, сохтмон ва саноати кишварамон ба маблағи даҳҳо триллион сўм маҳсулот дар «соя» боқӣ мондааст. Тавассути ин маҳсулоти умумии дохилӣ 135 триллион сўм, буҷет 30 триллион сўм даромадро аз даст медиҳад. Аз ҷумла, дар 41 фоизи ҳисоботи корхонаҳои бинокорӣ танҳо 1 нафар коргар нишон дода шудааст. Гарчанде ин корхонаҳо танҳо соли гузашта ба маблағи 4 триллион сўм корҳои бинокориро ба анҷом расондаанд. Ё худ дар маълумот гуфта мешавад, ки дар 5 ҳазор хоҷагии меваю сабзавот, ки на камтар аз 25 гектар замин доранд, 1 коргари расмӣ ба қайд гирифта шудааст.

Дар Фармони Президент «Дар бораи чораҳо оид ба такмил додани механизмҳои назорати давлатӣ дар соҳаи мубориза алайҳи иқтисодиёти пинҳонӣ» як қатор вазифаҳо муайян карда шуданд, ки ба муборизаи зидди иқтисодиёти пинҳонӣ, аз ҷумла, пурзӯр намудани назорати давлатӣ нигаронида шудаанд. Имрӯз дар мамлакатамон 14 мақомот дар ҳолати пароканда бар зидди иқтисодиёти пинҳонӣ ва ҷинояткории иқтисодӣ мубориза мебарад. Набудани низоми ягонаи мутобиққунандаи фаъолияти онҳо боиси баланд шудани ҳиссаи иқтисодиёти пинҳонӣ мегардад.

Дар ин ҳуҷҷат мубориза алайҳи иқтисодиёти пинҳонӣ яке аз вазифаҳои афзалиятноки давлат муайян гардида, фаъолияти департаменти мубориза бо ҷиноятҳои иқтисодии назди Сарпрокуратура пурзӯр мегардад. Аз ҷумла, ҳамчун фаъолияти асосии он мубориза ба муқобили иқтисодиёти пинҳонӣ ва муқаррар намудани назорати пурраи занҷири ҳаракати маблағҳои буҷет муайян шудааст.

Бо назардошти ин Департамент ба идорае табдил меёбад, ки таҳлили амиқ, кофтукови фаврӣ, мусодира ва худтафтишотро анҷом медиҳад. Инспексияи давлатии назорати молиявии назди Вазорати иқтисодиёт ва молия ва ваколатҳои он пурра ба ихтиёри Департамент дода мешавад. Ин қарори хеле оқилона аст, ки барои аз байн бурдани иқтисодиёти пинҳонӣ ва коррупсия хидмат мекунад.

Акнун Департамент ва Палатаи ҳисоб якҷоя фаъолият бурда, барои маҳдуд кардани иқтисодиёти пинҳонӣ ва дуруст харҷ кардани маблағҳои буҷет масъуланд. Барои иҷрои ин вазифаҳо Департамент бо технологияи замонавии иттилоотӣ ва воситаҳои махсус таъмин карда мешавад.

Илова бар ин, дар назди Департамент Маркази илмӣ-таҳлилӣ ва таълимӣ таъсис дода мешавад, ки дар он кормандони сохтор оиди ошкор намудани ҷиноятҳои иқтисодӣ ва мубориза алайҳи иқтисодиёти пинҳонӣ, инчунин муайян намудани омилҳои ба вуҷуд омадани иқтисодиёти пиҳонӣ, таҳия намудани пешниҳодҳо дар асоси таҷрибаи пешқадами хориҷӣ таълим мегиранд.

Ин марказ мушкилотро аз ҷиҳати илмӣ омӯхта, сабабҳои онро таҳлил мекунад. Оид ба тағйир додани қонунҳое, ки боиси ташвиши соҳибкорон мешаванд, таҳлил мекунад, яъне соҳибкорро айбдор нишон надода, баръакс равшан мекунад, ки решаи мушкилот дар қонунгузорӣ ё услуби кори ташкилотҳои давлатӣ аст.

Хулоса, Фармони Сарвари давлатамон барои ҳифзи соҳибкори поквиҷдон, риояkунандаи қонун ва кумакрасони онҳо будан, инчунин барои бартараф кардани омилҳои коррупсионие, ки ба рушди соҳибкорӣ халал мерасонад, хидмат мекунад. Зеро мақсади асосӣ низ қатъиян кам кардани миқёси иқтисодиёти пинҳонӣ на бо роҳи таъқиб, балки бо роҳи ҳавасмандгардонӣ ва кумаки амалӣ ба онҳо мебошад.

**Абдуғанӣ УМИРОВ, депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

*Дар мамлакатамон чорвои майдаи хонагӣ то зимистони сол дар дашту адирҳо парвариш ва зиёд карда мешаванд.*

# САМТҲОИ НАВИ ЧОРВОДОРӢ

Ҳоло шумораи онҳо аз 30 миллион сар зиёд бошад ҳам, сифатнокии онҳо ба дараҷаи бояду шояд нест. Доруворие, ки селексионер ва олимони иттиҳоди шуравӣ барои гӯсфандҳои қарокӯл ихтироъ карда буданд, ба гов, асп, хук ва ғайра зотҳои дигари чорво истифода шуданд, ки сабаби пастшавии ҳаҷми генофизиологӣ ва сифати онҳо гардид, яъне боз ҳам аниқтар гӯем, ҷуссаи гӯсфанд, мисли буз барин чорвои майдаи хонагӣ хурдтар гардидааст. Намояндаи Шӯрои хоҷагиҳои деҳқониву фермерӣ ва соҳиби замини наздиҳавлигии Ӯзбекистон ҳамчун ҳаллу фасли ин мушкилот бори аввал дар чорводорӣ системаи ЭКО-ро бомуваффақият ҷорӣ намуд, ки дар он шумораи чорворо кам накарда, насли нави он гирифта мешавад.

Ин масъала бо олимони Маркази илмии таҳқиқотии эмбрионологияи Русия муҳокима гардид ва барои ворид намудани инвеститсия ба ин лоиҳа соли 2021 наслшинос, директори корхонаи «Копия Ко.» оид ба Осиёи Миёна Чой И ба кишвари мо ташриф овард. Дар Вазорати хоҷагии қишлоқ бо олимони мутасаддӣ вохӯрии ӯ баргузор гардида буд.

Мувофиқи нақшаи инвеститсионии корхонаи «Копия Ко.» корҳои наслгирӣ оғоз гардид.

Бинобар ин, зиёд кардани насли «Меренос»-и ба гармии саҳро тобовар ва «Ҳисорӣ»-и бузургҷаҳми хуштаъму сергӯшти гӯсфанд ба роҳ монда шуд, ки дастурхони аҳолиро боз ҳам пурфайз мегардонад.

**М. МУҲАММАДИЕВ,**
**сардори шуъбаи Шӯрои хоҷагиҳои деҳқониву фермерӣ ва соҳиби замини наздиҳавлигии Ӯзбекистон.**

*Дар Истанбул ҷамъомади сохторҳо оид ба рақобати кишварҳои аъзои Созмони давлатҳои туркӣ баргузор гардид.*

# ШӮРОИ РАҚОБАТИ НАЗДИ СОЗМОНИ ДАВЛАТҲОИ ТУРКӢ ТАЪСИС ЁФТ

Дар чорабинӣ намояндагони вазоратҳои Туркия ва Ӯзбекистон, мақомоти рақобати Озарбойҷон, Қазоқистон, Қирғизистон, Венгрия, Туркманистон ва Кипри Шимолии Ҷумҳурии Туркия иштирок карданд.

Мақсади чорабинӣ таъсиси Шӯрои рақобати назди Созмони давлатҳои туркӣ буд. Масъалаҳои омӯзиши вазифаҳо оид ба табодули иттилоот байни мақомоти рақобат, мубориза бо чолишҳои глобалӣ, рушди сиёсати рақобат ва ҳуқуқ, таҳкими ҳамгироӣ байни кишварҳо ва ҳамкории минтақавӣ дар ин платформа баррасӣ шуданд.

Дар мулоқот тақдимотҳои гуногун намоиш дода, лоиҳаҳои муштарак баррасӣ шуданд.

Бинобар ҷамъбасти ҷамъомад роҳбарони сохторҳои дахлдор ба ҳуҷҷат дар бораи таъсис додани Шӯрои рақобати назди Созмони давлатҳои туркӣ имзо карданд. Бар замми ин ҷонибҳо ба мувофиқа расиданд, ки дар доираи Шӯрои рақобати назди Созмони кишварҳои туркӣ дар Шуша форуми рақобат баргузор шавад.

**Г. САТТОРОВА,**
**мухбири ӮзА.**

# ДАР РОҲИ ТАТБИҚИ ЛОИҲАҲОИ НАВ

***Дар арафаи сафари расмии Президент Шавкат Мирзиёев ба Чин гурӯҳи намояндагон аз вилояти Ҷиззах таҳти сарварии ҳокими вилоят Эргаш Солиев ба ин кишвар рафта, дар Форуми байниҳудудии сармоягузориву соҳибкорӣ ширкат варзиданд. Дар ин бора дафтари матбуоти ҳокими вилоят иттилоъ расонд.***

Дар форуме, ки дар Урумчӣ баргузор гардид, намояндагони вилояти Ҷиззах дар як гӯшаи он намоишгоҳ низ ташкил намуданд.

Якчанд нафар ба сухан баромада, дар бораи уфуқҳои нави ҳамкорӣ, рушду инкишоф ёфтани иқтисодиёт, ба амал татбиқ намудани лоиҳаҳое, ки барои ҳарду ҷониб самаранок аст, ҳарф заданд.

Ҳокими вилоят Э. Солиев, ки роҳбарони якчанд шаҳру навоҳиро ҳамроҳ гирифта буд, бо ҳамтоёни чинии худ масъалаҳои гуногуни марбут ба ҳамкориро мавриди баррасӣ қарор дода, ба имзо кардани Меморандум ва аҳдномаҳои барои тарафайн муҳим низ муваффақ гардиданд.

Ҳокимону сарварони садорату идораҳо дар шаҳри Бинҳаии Чин бо фаъолияти соҳибкороне, ки ба чорво сарукор доранд, ошно гардиданд.

Ҳамчунин аз дафтари матбуоти ҳокими вилоят маълумот доданд, ки ҳайати намояндагони ҷиззахӣ ба музофотҳои Хебей, Гуанчжоу, Ханчжоу, Шандун ва шаҳри Синдао сафар намуда, дар форумҳои тиҷоратӣ ширкат варзиданд. Ба имзо намудани қарордодҳои дутарафа дар ҷодаи дорусозӣ, сайёҳӣ, истеҳсоли воситаҳои электротехникӣ, пойафзор ва ғайра муяссар гардиданд.

Ба мувофиқа расиданд, ки барои роҳандозии истеҳсоли трактор ва комбайнҳои замонавӣ бо «Qingdao Luhia Gram and oil Group» ҳамкорӣ хоҳанд кард.

Бояд гуфт, ки имрӯзҳо дар Минтақаи озоди иқтисодии «Ҷиззах» бо кумаки сармояи Чин чандин корхона фаъолият мекунад. Дар заводи мошинсозӣ мошинҳои тамғаҳои гуногуни чинӣ истеҳсол карда мешавад.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

# САФИ ЗАНОНИ СОҲИБКОР ВАСЕЪ МЕГАРДАД

***Дар вилояти Бухоро соли 2023-юм аз 60 ҳазору 44 нафар заноне, ки ба «Дафтари занон» дохил карда шудаанд, ба 59 ҳазору 913 нафар бонувон кумакҳои амалӣ расонида шуданд. Барои татбиқ намудани ин корҳо 48 миллион сӯм сафарбар гардид.***



Агар ба рақамҳо эътибор диҳем, мебинем, ки соли 2023-юм дар Бухоро 68 ҳазору 367 занони бекор бо кор таъмин карда шудаанд. Ба мақсади инкишоф додани соҳибкории бонувон барои 10 ҳазору 114 зан 187,5 миллиард сӯм ҷудо карда шудааст, 10 ҳазору 120 нафар ба касбомӯзӣ ҷалб гардидаанд. Тақрибан нисфи ин нишондиҳанда аз ҷумлаи онҳоест, ки ба «Дафтари занон» ворид шудаанд. Аз ҳама муҳимаш аксари онҳо имрӯз мавқеи худро дар ҳаёт пайдо карданд.

– Занони фаъол аз имкониятҳое, ки давлати мо фароҳам меоварад, самарабахш истифода мебаранд, мушкилот ва масъалаҳоро меомӯзанд, нисбати занони маҳалла ғамхорӣ менамоянд, бо ҳар кадоми онҳо алоҳида кор мебаранд. Таъмин намудани талаботи аввалиндараҷаи онҳо бо кумаки «Дафтари занон» барои дарёфти манбаи доимии даромад асос ба шумор меравад, – мегӯяд фаъоли ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Ҳавзи нав»-и шаҳри Бухоро Нодира Болтаева.

Дар ноҳияи Ромитан соли 2023-юм 984 зан бо шуғл таъмин карда шуданд, ба 18 нафар барои ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкориашон субсид пешниҳод гардид. Ба 78 нафар занони камтаъмин, ки мехоҳанд бо тиҷорати худӣ машғул бошанд, дар ҳаҷми 1,4 миллиард сӯм вомҳои имтиёзнок ҷудо карда шуданд.

Шаҳноза Сафарова, ки дар маҳаллаи Тарнаут зиндагӣ мекунад, гармхона ташкил намуд, ки даромади хуб меоварад. Тавре ки бонуи соҳибкор мегӯяд алҳол арзиши бозаргонии як ниҳол тақрибан ду ҳазор сӯмро ташкил медиҳад. Дар як мавсим бо истифода аз дастгирии давлат вай мехоҳад ба харидорон миллион бех ниҳол расонда диҳад.

– Соли 2023 маро ба «Дафтари занон» ворид карданд ва воми имтиёзнок ҷудо намуданд, – мегӯяд Шаҳноза Сафарова. – Алҳол ман дар гармхонаи худ 150 ҳазор бех ниҳол парвариш мекунам, ба нигоҳубини онҳо се нафар корманд машғул мебошанд. Ба Президенти мамлакат барои фароҳам овардани чунин имкониятҳои васеъ ташаккур мегӯям.

Пас аз он ки сокини маҳаллаи Мирзоқалъаи ноҳияи Қарокӯл Ширмоной Бобоеваро ба «Дафтари занон» ворид намуданд, вай дар хонаи худ сехи гилембофиро ташкил намуд, ҷойҳои корӣ фароҳам овард. Алҳол соҳибкор 12-15 миллион сӯм даромад мегирад ва ният дорад фаъолияти худро вусъат диҳад. Аз ҳама муҳимаш, Ширмоной Бобоева мехоҳад касби худро дар бахши ноҳиявии мономарказ ба духтарон омӯзад ва садҳо бонувонро бо кор таъмин намояд.

– Имрӯз он касе ба мақсад мерасад, ки меҳнат кунад, – мегӯяд соҳибкор Ш. Бобоева. – Роҳбари давлатамон ба мо, занон ҳамаҷониба ёрдам медиҳад. Мо дар навбати худ саъй менамоем, ки аз ин пурра истифода барем ва ба натиҷаҳои баланд соҳиб гардем.

Соли равон низ нақшаҳои бузург андешида шудаанд. Бояд қайд намуд, ки гурӯҳи занони ташаббускор алҳол саломатии худро дар шифохонаи «Ҷӯйи зар», ки яке аз гӯшаҳои хушманзаратарини минтақа ба шумор меравад, барқарор менамоянд. Дар инҷо онҳо тӯли тақрибан ду ҳафта сабақҳои соҳибкорӣ ҳам мегиранд, то ки минбаъд аз имтиёз ва имкониятҳои дахлдор истифода бурда, тиҷорати худро ба роҳ монанд.

**Зариф КОМИЛОВ,**
**хабарнигори ӮзА.**
**Суратгир: Т. ИСТАДОВ (ӮзА).**



*Дар нигористон*

# РАССОМИ МУШОҲИДАКОР

***Дар Хонаи фотосуратҳои Тошканд намоиши намунаҳои эҷоди шахсии рассоми ҷавон Фахриддин Турдиев баргузор гардид. Дар он беш аз 50 асари рангтасвири эҷодкор ба маъраз гузошта шуд.***

Турдиев соли 1991 дар шаҳри Қаршӣ дида ба дунё кушодааст. Дар коллеҷи санъати Қаршӣ, пас дар Институти рассомии миллӣ ва дизайни ба номи Беҳзод таҳсили илм кардааст. Ӯ дар киностудияи «Ӯзбекфилм» ҳамчун ёрдамчии рассом, дертар рассоми басаҳнагузоранда ифои вазифа намудааст. «Хотираи шаҳидон», «Ман танҳоям», «Хоҳиши бузург», «Миш-миш дар маҳалла — 2», «Халилихӯрак» ва ғайра филмҳоро ба саҳна гузоштааст.

Аз намунаҳои эҷодии рассом бармеояд, ки ӯ ҳаётро хуб мушоҳида намуда, ба арзишҳои милливу умумиинсонӣ арҷ гузоштааст.

Аз экспозитсия «Интизорӣ», «Талош», «Моҳии тиллоӣ», «Сафед ва сияҳ», «Роҳи охирин», «Хаёлот», «Орзу», «Ағба», «Саҳро», «Бомдод», «Оила» ва дигар суратҳои рассом ҷой гирифтаанд.

**Ҳасан АБДУНАЗАРОВ.**

## ХАБАРҲО

### НАҚЛИЁТ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ ТАКМИЛ МЕЁБАД

***Дар Брюссел оид ба робитаҳои нақлиётӣ байни Иттиҳоди Аврупо ва Осиёи Марказӣ Форуми сармоявии Global Gateway баргузор гардид.***

Дар он намояндагии ҳукуматҳои Осиёи Марказӣ таҳти роҳбарии ҷонишини сарвазири Ӯзбекистон Ҷамшед Хоҷаев, ҷонишини раиси Девони Вазирони Қирғизистон Бакит Торобоев, вазирони нақлиёти Қазоқистон ва Тоҷикистон Марат Карабаев ва Азим Иброҳим, ҷонишини директори агентии нақлиёт ва коммуникатсияҳои Туркманистон Ботир Аннаев иштирок намуданд. Дар форум, айни замон, намояндаи олӣ оиди корҳои хориҷӣ ва амнияти Иттиҳоди Аврупо Жозеп Боррел ширкат варзид.

Ноиб-президенти иҷрогари Еврокомиссия Валдис Домбровскис маълум намуд, институтҳои Аврупо ва молияи байналхалқӣ бо мақсади дастгирӣ ва воридсозии сармоя ба равобити барқарори нақлиёти Осиёи Марказӣ 10 миллиард евро ҷудо менамоянд. Ба амал баровард шудани лоиҳаҳо марбут ба беҳсозии ҳолати нақлиётии кишварҳои Осиёи Марказӣ ба рушди иқтисодӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва интегратсияи минтақавӣ мусоидат хоҳад кард, гуфт ноиб-президенти Комиссияи Аврупо Маргаритис Схинас.

### “ШАҲР – БАРОИ ПИЁДАҲО”

***Президенти ҷумҳурӣ доир ба боз ҳам беҳтар намудани фаъолияти нақлиёти ҷамоатӣ ба шахсони масъул супориш дод.***

Маълум аст, ки тирбандии роҳҳо ва серодамӣ дар воситаҳои нақлиётӣ ба сифати ҳаво таъсир мекунад. Ваъз водор месозад энергетикаи «сабз» бештар мавриди истифода гардад. Акнун бо мақсади кам кардани оқибатҳои зарарноки ифлосшавии ҳаво ва пешгирии муаммоҳои экологӣ сохтори гузариш ба воситаҳои электромобилӣ ҷорӣ хоҳад гашт. Роҳбари давлат гуфт, ҳар як роҳбар бояд шиори “Шаҳр – барои пиёдаҳо”-ро ба тамоюли асосии фаъолияти худ табдил диҳад.

Бензини Аи-80 аз соли 2025 эътиборан истеҳсол карда намешавад. Барои кам гардондани зарари мошинҳои калони боркаш ва автомобилҳое, ки зиёда аз 10 сол боз мавриди истифода буда, муҳити атрофро ифлос карданашон мумкин, чораҳо андешида мешаванд.

### ДАРАХТҲО МАВРИДИ ҲИСОБУ КИТОБ

***Навъе Вазорати экология маълум намуд, дар давраи аввали номнависсозӣ дар тамоми ҳудудҳои Ӯзбекистон координаторҳои 254 миллиону 162 ҳазору 505 бех дарахт аниқ гардонида ва харитаи рақамноки онҳо офарида шуд.***

Дар ҳисобу китоб дарахту буттаҳое ба ҳисоб гирифта мешаванд, ки камаш панҷсолаанд. Дар давраи дуюму сеюм корҳои ҳисобу китоб аз ҷониби нозирон дар маҳалҳо ба амал баровард мешавад.

Платформаи электронии “Макони сабз” такмил дода ва оид ба рӯйихатгирии дарахтҳо сохтори реестерӣ офарида мешавад.

**М.ШОДИЕВ,**
**мухбири “Овози тоҷик”.**

# КУҶО РАФТӢ, КИ ЁРОН ДАР ТАЛОШИ ОМАДАНҲОЯТ

***Мо дар яке аз гузоришҳо доир ба он ҳарф зада будем, ки ду деҳи шаҳри Исфараи куҳанбунёд чӣ қадар ёдгориҳои таърихиву меъморӣ дорад ва ҳар кадоми он то чӣ андоза мавриди таваҷҷуҳи меҳмонони зиёд қарор гирифтааст. Акнун дар бораи он маълумот хоҳем дод, ки шаҳри Исфара чӣ қадар ҷамоатҳои шаҳрвандонро муттаҳид намудааст, шахсиятҳои маъруфи он дар гузашта ва замони муосир киҳоянд, суҳбату мулоқотҳо бо одамони наҷиб то чӣ андоза бароям шавқу завқ бахшидаанд, ки бевосита дар ин шаҳр ба вуқӯъ пайвастанд.***

Ногуфта намонад, ки ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона ва шаҳри Исфараи вилояти Суғд аз қадим бо қаробатҳои хешу таборӣ ва қудову андагии мардуми он дар байни ноҳияҳои дигари ин ду вилояти ҳаммарз фарқ мекунад. Ҳатто то ду даҳсола пеш мардуми Сӯх барои фурӯши меваву сабзавот ва харидории маводи мавриди эҳтиёҷи худ бештар аз бозори деҳқонии Исфара истифода мебурданд.

Ҳоло ҳар меҳмоне, ки ба ин шаҳр меояд, ҳатман аз бозораш боздид мекунад. Зеро гуфтаанд, «Ҳар ҷо сафар кунӣ, аз бозору мазораш боздид намо». Дар бозор тамоми маводу маҳсулоти лозимаро пайдо кардан мумкин аст. Исфара ба маҳалҳои аҳолинишин – маркази шаҳр – Исфара, шаҳракҳои Шӯроб, Нефтобод, Ким, 10 ҷамоати деҳот, аз қабили Гулистон, Ворух, Кӯлканд, Лаккон, Чилгазӣ, Хонобод, Шаҳрак ва Сурх тақсим мешавад. Як қисми сокинонаш ӯзбектабор мебошанд.

Шаҳри бостонии Исфара гаҳвораи бисёре аз гузаштагони маъруф ва тамаддунсоз, аз қабили шоирони асрҳои X-XII Сайфи Исфарангӣ, Мушфари Исфарангӣ, Меҳрӣ, Беҳҷади Исфарангӣ, олими асри XVII Иброҳим Риёзиддин мебошад. Дар замони муосир нависанда ва олим Лутфулло Бузургзода, драматургон Султон Саидмуродов ва Абдусалом Атобоев, донандаи мусиқии классикӣ Мирзоқурбон Солиев, нависанда Ибод Файзуллоев, академик Субҳон Ёдгорӣ, рузноманигорон Бобоҷон Икромов, Нозимҷон Бобоев, Судуриддин Маҳкамов, Муаззама Иброҳимова, овозхонҳои маъруфи эстрада ва таронаҳои классикиву муосир Ҳабиб Бобоев, Бахтиёр Иброҳимов, Исроил Файзиддинов, актёри боистеъдод Шуҳрат Ҳалимов маҳз дар ин шаҳр зодаву парварда шудаанд, ки ҳаёт ва эҷодиёти худро ба манфиат ва рушди илму фарҳанги халқи тоҷик бахшидаанд.

Исфара ба ҳайси шаҳри кандакорон (гаҷкорон) низ маъруф мебошад. Барои ҳамин ҳар як чойхонаи он чунон бо нақшу нигори хоса сохта шудааст, ки ҷилояшон чашмҳоро мерабоянд. Исфара боз бо зардолуи хуштаъм, навъҳои беназири он, ки ба шароити атмосфераи муҳити зисти он мувофиқ аст, низ машҳур гаштааст.

Дар ҷараёни сафар аз осоишгоҳи «Зумрад» боздид ба амал омад, ки беҳтарин минтақаи истироҳатӣ дар Тоҷикистон унвон гирифтааст. Он бо сайъ ва эҳтимоми зодаи деҳаи Шайхатола (шояд Шайх Атоуллоҳ бошад)-и ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона, табиби варзида ва маъруф, шахси донишманду пуртакаллуф шодравон Мирзо Олимов арзи вуҷуд намудааст. Дар китоби «Меъмори кохи дилафрӯз», ки Мирзо Шукурзода ва Бобоҷон Икромов таълифу мураттаб сохтаанд, дар бораи ин фарди сӯхинажод суханони зиёди самимӣ гуфта шудаанд. Ин ҷо овардани яке аз катибаҳо аз ин китобро ҷоиз мешуморам. Усто Ҷаҳонов, дотсенти ДДХ ба номи Б. Ғафуров, ки худ низ зодаи ноҳияи Сӯх мебошад, чунин нигоштааст: «Маҷмӯи «Зумрад» дар шахсияти Мирзо Олимов оинаи рӯзгори тоҷикон аст».

Дар ана ҳамин муҳиту фазо бо марди шарифе вохӯрдам, ки ҳамроҳи завҷааш аз шаҳри Хуҷанд барои барқароркунии саломатӣ омадаанд. Маълум шуд, ки ҳамсуҳбатам – Нуруллохон Охунзода аз тариқи шабакаҳои телевизион дар байни мардуми вилояти Суғд шинохта шудааст. Вай бо баромадҳои пурмаъниву пурмухтаво ва пур аз панду ҳикмат ба дили мардуми зиёд роҳ ёфтааст. Хоксориву фурӯтанӣ ва муомилаи хубу меҳрубониҳои ин марди солхӯрдаи хуҷандӣ боиси ҳайрати бандаву атрофиён мегашт.

– Як қисми хешу табори мо дар шаҳри Янгийӯл ва ноҳияи Бӯкаи вилояти Тошканд зиндагӣ мекунанд. Ба наздикӣ ҳамроҳи завҷаам Мушаррафхон ба аёдати ин хешовандон рафта омадем. Бародари бобоям Орифҷон ном доштанд ва дар Янгийӯл аз худ фарзандону набераҳои зиёд боқӣ гузоштаанд. Ба гуфтаи падарам Орифҷон дар ҷараёни хидмати аскарӣ ба бемории сахт гирифтор шудааст. Вай тавассути поезд то истгоҳи Чиноз расидааст ва дар ҳолати нимбеҳушӣ ба дасти одамони нек афтидааст. Баъди барқароршавии саломатиаш ҳамон ҷо ӯро хонадор кардаанд ва соҳиби илму амал низ гардидааст, – гуфт зимни суҳбат Нуруллохон Охунзода.

Вай афзуд, ки тоҷикону ӯзбекон аз қадим бо ҳам дӯсту бародарвор зиндагӣ кардаанд ва ҳоло бо иқдоми наҷиби ду сарвари донову хирадманд – Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ин дӯстӣ дубора барқарор шудааст, ки боиси сарфарозиҳо мебошад. Ба таъкиди Нуруллохон Охунзода бояд ин дӯстиву рафоқат минбаъд низ боз ҳам дар шакли густарда идома ёбад. Ҳамсуҳбати мо мегӯяд, вақте ки муносибатҳои ду кишвари ҳамҷавор ба бунбаст рӯ ба рӯ буд, вай низ чун ҳамватанони зиёдаш натавонист ба аёдати хешу наздикони худ ба он самти марз равуо кунад.

Ин ҳамсуҳбати мо чанд китоб бо мазмун ва муҳтавои гуногунро таълиф намудааст. «Қиссаҳои дилангез», «Раҳнамои некон», «Гулдастаи ҳикматҳо» ва «Нури зиндагӣ» аз ҳамон шумор мебошанд.

– Ақорибы янгийӯлиамон аксарият ӯзбекзабонанд. Барои ҳамин як китоби худро таҳти унвони «Ҳаёт машъали» ба забони ӯзбекӣ таълиф ва нашр кардам. Ин китоб дар бораи шаҷараи хонаводаи Охунзодаҳо мебошад. Як қисми маводи китоб танҳо ба ҳаёт ва фаъолияти ҳамон Орифҷонамаки янгийӯлиам бахшида шудааст, ки ба далели соҳибилм ва тақводорӣ дар байни мардум номи «Қоридодо»-ро гирифтаанд, – мегӯяд бо ифтихор Нуруллохон Охунзода.

Дарвоқеъ, аз суҳбатҳои самимии боз чанд нафар завқ бурдам, ки аз минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон ба Исфара омадаанд. Дар забони ҳамаи онҳо дӯстиву рафоқати байни ду халқ – тоҷикону ӯзбекон тараннум мешуд. Ин байти барои дӯсташ Мирзо Турсунзода навиштаи Файз Аҳмади Файз ба ёдам расид:

*Биё, ёрам, ки чашмам*
*музтариб баҳри тамошоят,*
*Куҷо рафтӣ, ки ёрон дар*
*талоши омаданҳоят!*

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

*ТОШКАНД – ИСФАРА – ТОШКАНД.*

*Ба истиқболи 100-солагии «Овози тоҷик»*

# ТАРҲРЕЗИИ РӮЗНОМАИ «ОВОЗИ ТОҶИК»

***Нахустшумораи рӯзномаи «Овози тоҷик» бо номи «Овози тоҷики камбағал» ба ҳайси ношири афкори Кумитаи ҳизби коммунистии Туркистон, 25 августи соли 1924 дар ҳаҷми чор саҳифа, бо адади 2 ҳазор нусха дар шаҳри Самарқанд аз чоп баромад. Муҳаррири масъули он Абдуқаюми Қурбӣ ва котиби масъул Саидризо Ализода буданд. Тибқи тадқиқоти муҳаққиқон дар шумораи аввали «Овози тоҷики камбағал» мақолаҳои Саидризо Ализода «Дебоча ва маром», Садриддин Айнӣ «Қавми тоҷик ва рӯзнома», Абдуқаюми Қурбӣ «Рӯзнома чист?» ба табъ расиданд.***




Устод Айнӣ дар мақолаи мазкур навишта буд, ки «акнун, ки қавми мо забон баровардааст, метавонад, ки ҳама даркориҳои худро ба рӯзномаи худ нависад, акнун метавонад аз аҳволи олам бохабар шавад, акнун метавонад дарди дили худро ба воситаи рӯзномаи худ, ки ба забони тоҷикист, ба ҳар кас во намояд».

Аз шумораи 9-ум «Овози тоҷики камбағал» номи «Овози тоҷик»-ро гирифт. Аз ҳамин шумора нашри повести устод Айнӣ «Саргузашти як тоҷики камбағал ё Одина» шурӯъ шуд.

Бо таъсис ёфтани Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сусиёлистии Тоҷикистон (ҶМШСТ) , Бюрои ташкилии Ҳизби коммунист қарор кард, ки «Овози тоҷик» ба органи Бюрои ҳизбӣ ва Кумитаи инқилобии ҶМШС Тоҷикистон табдил дода, Абдуқаюми Қурбӣ муҳаррири масъули он таъин карда шавад. «Овози тоҷик» аз 4 июни соли 1925 ба органи Кумитаи марказии ҳизби коммунистии Ўзбекистон ва Кумитаи иҷроияи марказии Ўзбекистон табдил ёфт. Ҳамин тариқ, «Овози тоҷик» дар пешбурди ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ, маънавию фарҳангии халқи тоҷик, бахри ташаккули худшиносии тоҷикони Ўзбекистон нақши хеле муҳим дошту дорад.

Соли равон ба нашри рӯзномаи «Овози тоҷик« сад сол пур мешавад. Дар кишвар ва бурун аз он ин ҷашн бо тантана ва бошукӯҳ пешвоз гирифта хоҳад шуд.

Камина ба мақсади шиносоӣ пайдо кардан бо маводи саҳифаҳои рӯзнома дар ҷустуҷӯйи шумораҳои рӯзномаи садсола шудам. Нахуст ба шуъбаи «Китобҳои нодир»-и Китобхонаи миллии Ўзбекистон ба номи Навоӣ муроҷиат кардам. Гуфтанд, ки ин ҷо танҳо 26 шумораи рӯзнома дар нусхаи асл ва шакли электронӣ, яъне шумораҳои 235-261, ки аз моҳи июн то моҳи августи соли 1928 нашр гардидаанд, нигоҳ дошта мешавад. Маслиҳат доданд, ки ба Маркази рӯйихатгирии хазинаи умумии китобхона муроҷиат кунам. Он ҷо рафтам. Тарбуз аз бағалам афтид. Ҷуз шумораҳои номбурда чизи дигаре набуд.

Ба Бойгонии миллии Ўзбекистон рафтам. Дар он ҷо маълум шуд, ки фақат нусхаҳои рӯзномаи »Овози тоҷик» аз соли 2002 то ба ин рӯз мавҷуд аст. Аз шумораҳои аввал нусхае нест. Ба барномаи «Китобхона»-и шабакаи facebook муроҷиат намудам. Аз Муҳаммадшариф Рустамзода посух гирифтам: «Дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон танҳо 33 шумораи «Овози тоҷик»-ро ман дида аз назар гузаронидаам. Шумораҳои нахустин то соли 1930 вуҷуд надорад, аз баъзе солҳо танҳо як-ду шумора мавҷуд мебошад». Дунё ба умед. Ҳанӯз аз китобхонаву осорхона ва бойгониҳои Самарқанди бостонӣ наҷустаем.

Мақсад аз интишори ин сатрҳо, аз ин рӯз ва минбаъд шинос намудани хонандаи имрӯз бо моҳият, мазмун ва мақсади мақолаҳоест, ки дар саҳифаҳои рӯзномаи «Овози тоҷик» дар солҳои гуногун чоп гардидаанд, ҳамчунин ошноӣ бо фаъолияти кормандони он мебошад. То симо ва роҳи тайнамудаи садсолаи рӯзнома пеши назари хонанда ҷилвагар гардад. То сухан ба дарозо накашад, дар мақолаи имрӯз танҳо дар бораи тарҳрезӣ ва ҷобаҷогузории рубрикаву мақолаҳо маълумоти умумӣ дода мешавад.

Унвони рӯзномаи «Овози тоҷик» бо ҳарфҳои калон бо ду ҳуруф – арабиасос ва лотинӣ навишта мешуд. Дар самти рости қисмати болоии унвони рӯзнома бо алифбои сирилик ба забони русӣ омада: «Ташкент. Ленинская, № 19. Среднеазиатскому музею революции до 1 янв. 29 г. 2 эк.». Дар самти чапи қисмати болоии унвон эпиграфи рӯзнома бо ҳуруфи арабиасос навишта шудааст: «Пролетарҳои тамоми дунё, як шавед». Дар самти чап мусовӣ бо унвон аз боло ба поён навишта шудааст: «Нашри соли чаҳорум». Дар самти чапи ин навиштаҷот дохили чаҳоркунҷа омада: «Нашри афкори Кумфиркаи марказӣ ва Кумиҷроияи марказии Ўзбекистон. Унвони идора: Самарқанд. Кӯчаи Иштирокиюн, рақами 22». Дар ҳамин ҷо манзили рӯзнома ба забони русӣ низ сабт шудааст. Пас аз ин аз боло ба поён омада: «Таърихи нашр: 25 августи соли 1924».

Дар дохили чаҳоркунҷаи баъдина мехонем: «Баҳои обунаи »Овози тоҷик»: яксола (бо «Мулло Мушфиқӣ») 5 суму 50 тин; шашмоҳа 3 сум; семоҳа 1 суму 70 тин. Дар мамлакатҳои хориҷа – яксола 10. Алоҳида бе «Мулло Мушфиқӣ» обуна қабул намешавад». Дар дохили чаҳоркунҷаи охирин, ки ин ҳама бо унвони рӯзнома дар як хат ҷо гирифтаанд, мехонем: «Баҳои эълон: Ҳар сатри нонпарел 40 тин; барои санадҳои гумшуда: 1 суму 10 тин; барои табдили адрес 25 тин гирифта мешавад». Дар зерхати унвони рӯзнома мехонем: «Рӯзномаи сиёсӣ ва иҷтимоӣ аст, ҳафтае ду бор рӯзҳои якшанбе ва чаҳоршанбе нашр мешавад». Дар сатри поёнӣ шумораи рӯзнома, сана, рӯзи ҳафта ва соли нашр бо соли милодӣ ва ҳам бо соли шамсӣ-қамарӣ сабт ёфтааст. Чунончӣ: «Шумораи 236. 17 июн. Чоршанбе. 1928 милодӣ. 24 ҷузъ».

Дар саҳифаи аввал асосан дар бораи вазъияти сиёсии ҷаҳон, аз ҷумла, воқеаҳои охирини Чин, Эрон, Олмон, Туркия ва дигар давлатҳо хабару мақолаҳо дарҷ мегардиданд. Дар саҳифаҳои дуюму сеюм сармақолаҳо, қарорҳои кумитаи иҷроия ва мақолаҳо дар бораи вазъияти сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар ба табъ расидаанд. Мақолаву хабарҳои саҳифаи чаҳорум низ асосан дар бораи вазъияти кишвар маълумот ва дар ҳамин саҳифа ба «Эълон»-ҳо ҷо дода мешуд. Муҳаррири масъул (Ш. Садруллин) ва адади нашри рӯзнома (3500 нусха )низ дар саҳифаи дуюм сабт мегардиданд. Чунин буд тарзи тарҳрезии саҳифаҳои рӯзномаи «Овози тоҷик» дар охири солҳои 20-уми садаи гузашта. Минбаъд дар бораи моҳият ва муҳтавои хабар ва мақолаҳои алоҳида ва навиштаҳои хабарнигорони рӯзнома маълумот хоҳем дод.

**Ўзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**



*Самарқанд бо гӯшаҳои ба диққат сазовор, нотакрории обидаҳои таърихӣ сайёҳони дунёро ба худ ҷалб мекунад. Хусусан, ба сифати рамзи дӯстӣ, ҳамкории байни Ўзбекистон ва Хитой ва эҳтиром ба мутафаккири бузург Конфутсий хиёбоне, ки номи Конфутсийро дорад, ба шаҳр ҳусни дигар мебахшад. Хиёбон бо ташаббуси роҳбари давлати мо соли 2019 ташкил гардида, маданияту таърихи Чинро дар худ муҷассам намудааст. Дар бунёди хиёбон анъаноти меъморӣ ва дизайни ландшафти Чин мавриди эътибор қарор гирифтааст. Айвонҳои чӯбин, чароғҳои шабафрӯз меъмории чиноиро ифода менамоянд. Композитсияе, ки нотакрории Конфутсийро дар олами илм таҷассум менамояд, манзили муаззами ҷавононро ба омӯхтани маърифат даъваткунанда мебошад.*

***Дар сурат:** дар хиёбони Конфутсий.*

***Суратгир: А. УСМОНОВ (ЎзА).***

***19-21 январ дар Сингапур финали Олимпиадаи байналмилалии математика «Seamo X 2024» баргузор гардид, ки дар он беш аз 600 иштирокчӣ аз 22 кишвар ширкат варзиданд.***

# МАКТАББАЧАГОНИ ЎЗБЕКИСТОНӢ ДАР ОЛИМПИАДАИ БОНУФУЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ МАТЕМАТИКА СОҲИБИ МЕДАЛҲО ШУДАНД

«Seamo X 2024» – Олимпиадаи байналмилалии математикаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ буда, дар он хонандагони синфҳои 1-11-и мактабҳои давлатӣ ва хусусии таълими ҳамагонӣ аз тамоми кишварҳои ҷаҳон иштирок мекунанд. Олимпиада аз ҷониби Академияи Терри Чуи Сингапур таъсис ёфта, ба муайян намудани дониш ва саводи риёзии кӯдакон нигаронда шудааст.

Мактаббачагони Ўзбекистон низ дар ин олимпиадаи бонуфузи байналмилалӣ дар қатори ҳамсолонашон аз Австралия, ИМА, Сингапур, Индонезия, Ҷопон, Чин ва дигар кишварҳо ширкат варзиданд.

Олимпиада, ки аз ду марҳила – ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ иборат аст, ҳар сол моҳи ноябр ва январ баргузор мешавад. Дар сатҳи миллӣ он бо се забон – англисӣ, русӣ ва ўзбекӣ ва дар самти байналмилалӣ – танҳо бо забони англисӣ гузаронда мешавад.

Дар олимпиада Ўзбекистонро 31 нафар мактаббачагон аз тамоми минтақаҳои Ўзбекистон намояндагӣ карданд. Як қатор шогирдони мо Ўзбекистонро ба таври боядү шояд намояндагӣ карда, соҳиби ҷоиза шуданд.

Аз ҷумла, Муҳаммад Олимбоев медали нуқра, Асилбек Қаҳҳоров, Миродил Мирзавалиев, Ҷавоҳирбек Акрамҷонов ва Ҷаҳонгир Қиличев медали биринҷӣ гирифтанд. Иштирокчиёни боқимонда низ бо ифтихорномаҳо сарфароз гардонда шуданд.

**АИ «Дунё»,**

*СИНГАПУР.*

# САМАРҚАНД – МИЗБОНИ АНҶУМАНИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

***12-17-уми феврали соли равон дар Самарқанд ҷамъомади 14-уми конфронси иштирокдорони Конвенсия оид ба ҳифзи намудҳои кӯчии ҳайвоноти ваҳшӣ (CMS COP14) баргузор мегардад.***

Бино ба маълумоти Вазорати экология, ҳифзи муҳити зист ва тағйирёбии иқлим, моҳи август аз ҷониби ҳукумати Ўзбекистон ва Котиботи CMS логотипи расмӣ ва шиори ин чорабинӣ тасдиқ карда шуд.

Дар логотипи конфронс, ки таҳти шиори «Табиат сарҳад надорад» гузаронида мешавад, нақшу ороиши ҷозибадори ёдгориҳои Осиёи Миёна ва акси бабри болдори барфӣ тасвир ёфтааст. Бабри барфӣ аз ҳайвоноти нодири ваҳшӣ буда, дар 12 кишвар ба қайд гирифта шудааст.

Ҳарчанд бабри барфӣ рамзи қудрат ва хайрхоҳӣ аст, торафт кам шудани он боиси нигаронӣ мебошад. Бино ба маълумотҳо, алҳол дар табиат аз 2700 то 3300 сар бабри барфӣ боқӣ мондааст.

CMS COP14 аввалин вохӯрии ҷаҳонӣ оид ба гуногунрангии биологӣ пас аз қабули Асосҳои ҷаҳонии гуногунрангии биологии Кунминг-Монреал (GBF) дар соли 2022 хоҳад буд. Дар ин чорабинӣ вазифаҳои муҳими ҳифзи табиат ва ташаббусҳои нав, масъалаҳои зиёде, ки татбиқи GBF-ро дастгирӣ мекунанд, баррасӣ мешаванд.

Дар чорабинӣ иштироки директори иҷроияи Барномаи ҳифзи муҳити зисти СММ И. Андерсен, сардиректори Иттифоқи байналмилалии ҳифзи табиат Г. Агилар, раис ва директори генералии Хазинаи ҷаҳонии экологӣ К. Родригес, вазирони ҳифзи муҳити зисти мамлакатҳои иштироккунанда, котиботи созишномаҳои байналхалқии экологӣ ва роҳбарони доираҳои пешқадами илмӣ дар назар аст.

Конфронси қаблӣ 13-ум аз 15 то 22-юми феврали соли 2020 дар шаҳри Гандинагари Ҳиндустон баргузор шуда, дар он беш аз 1000 намоянда аз 131 кишвари ҷаҳон иштирок карда буданд. Бояд гуфт, ки чунин чорабинӣ қаблан дар кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил гузаронида нашудааст ва баргузории он аҳамияти таърихӣ дошта, аввалин чорабинӣ дар байни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва ИДМ мебошад.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик» дар**
**вилояти Самарқанд.**

# 9.САРМУҲАРРИРИ АВВАЛИНИ «ОВОЗИ ТОҶИК»

Дар осмони маърифатпарвари тоҷики ибтидои асри XX-ум боз як симои забардасти сазовори фарҳангу маданият дурахшид, ки дар байни ҳамзамонҳояш бо тахаллуси Қурбӣ сазовори ҳурмату эътибор гардид. Номи аслии ӯ Абдуқаюм буд.

Абдуқаюм соли 1886 дар гузари Боғимайдон (дар баъзе маъхазҳо Заргарон)-и шаҳри Самарқанд дар оилаи Ҳамроқул ном заргари босавод таваллуд шуд. Падари бузургвораш мехост писараш дар оянда чун шахси босавод ба камол расад. Ин аст, ки Абдуқаюм, баробари таҳсил дар мактаби кӯҳна, дар назди муаллими хусусӣ – шоири тавонои ҳамон давр Саидаҳмади Васлӣ савод меомӯзад. Устодаш зеҳни тез ва ҳофизаи хуби Абдуқаюмро пай бурда, ба тарбияи ӯ аҳамияти махсус медиҳад. Ӯ дар муддати кӯтоҳ сарфу наҳв ва ҳисобу китобро аз худ карда, хонданро дар яке аз мадрасаҳои Регистон, ки мударриси босавод Эшони Тӯра сарварӣ мекард, давом дод. Баробари ин шабонгоҳ дар паҳлӯйи падар нишаста, аз сирру асрори касби заргарӣ хабардор мешуд.

Падараш, ки аҳли савод буд, дар байни шоиру маорифпарварони ҳамон давр дӯстони зиёд дошт, баъзан дар меҳмонхонаи ҳавлиаш нишастҳои маърифатӣ ташкил мекард. Дар ин гуна нишастҳо зиёиёни замон Саидаҳмад Васлӣ, Абдуқодир Шакурӣ, Сиддиқии Аҷзӣ, Мирзо Ҳодӣ, Исматулло Раҳматуллозода, Саидризо Ализода ва чанде дигарон ҷамъ шуда, баробари шеърхонӣ, нисбати вазъи ҷамъияти онрӯза, навигариҳои иҷтимоӣ суҳбатҳо меоростанд, дар бораи ташкили мактабҳои навусул, саводноккунии бачагон фикру андешаҳои худро баён мекарданд. Абдуқаюми ҷавон аз ин гуна суҳбатҳои фозилон баҳравар мешуд. Ӯ акнун шеърҳои навмашқона менавишту аз устодаш маслиҳатҳо мегирифт. Дар ин миён падараш Мулло Ҳамроқул ба касалии бедавое гирифтор шуда, аз дунё гузашт. Акнун бори зиндагӣ ба дӯши Абдуқаюм афтод. Аз ин рӯ тарки мадраса карда, дукони падарро аз нав ба кор монд ва бо заргарӣ машғул шуд.

Бояд гуфт, ки дар ибтидои асри XX дар Самарқанд бо ташаббуси равшанфикрон омӯзишгоҳ ва семинарияҳои шабона ташкил шуда буданд. Абдуқаюм низ барои такмил додани маълумоти худ баъди кори дукон шабона ба хондан шурӯъ кард. Ҷаҳонбинии ӯ хеле васеъ шуда буд. Баробари забони модариаш, русӣ, туркӣ, озарӣ ва арабиро мукаммал омӯхта, ҳамчун аҳли фарҳанг ба пешрафти мактабу маориф ва дигар соҳаҳои ҷамъият намуна мешуд. Ӯ барои аз нав барқарор кардани суҳбати дӯстони падар дар болои дарвозахонаи ҳавлии падарӣ болохонаи базебе сохта, онро бо нақшҳои гуногун оро дод. Дар бунёди болохона дӯстонаш Абдуқодири муҳандиси Хумдончӣ, Усто Камол, Мирзо Ҳасани Наҷҷор ва ғайра ёрдам доданд. Акнун дар ин ҷо баробари дигарон Нақибхони Туғрал, Ҷавдат, Ҳоҷӣ Муин, Тӯрақул Зеҳнӣ ва чанде дигарон низ ҷамъ омада, базми шеъру шоирӣ меоростанд. Абдуқаюм, ки аз касби заргарӣ фоидаи хуб ба даст медаровард, тамоми хароҷоти ин гуна нишастҳоро ба дӯши худ мегирифт. (Ҳоло ин болохона дар ҳавлии қадимаи Қурбӣ барҷост. – Ҳ.Ҷ.)

Абдуқаюм Қурбӣ инқилоби соли 1917-ро бо хурсандӣ қабул кард. Аввалин шуда ба ҳизби коммунистӣ аъзо шуд. Чандин вақт ҳамчун сарвари ташкилоти ҷавонони вилояти Самарқанд фаъолият нишон дод. Ташкили мактабҳо, тарбияи муаллимони босавод, сохтани китобхонаю қироатхонаҳо барин корҳои маънавӣ ва маърифатиро ба зимма дошт. Баробари ин, аз паси эҷод мешуд. Пасу пеш намунаҳои эҷодиёташ дар матбуоти даврӣ чоп мешуданд. Бо ҳафтаномаи «Шӯълаи инқилоб» дар алоқаи наздик шуда, ҳамкориро бо кормандони он Саидризо Ализода, Фахриддини Роҷӣ, Ғуломалӣ Козимзода ва ғайра мустаҳкам кард. Аз ҷониби дигар дар бораи мардуми Бухорои Шарқӣ низ фикр мекард. Зеро дар он музофот душманони синфӣ ба пешравии ҷамъияти нав монеъ мешуданд. Абдуқаюми нотарсу далер зудзуд ба он музофотҳо рафта, барои ташкили мактабҳои маҳви бесаводӣ ҳаракат мекард. Мактабҳои навусул ангуштшумор буданд, аз ин рӯ мебоист аз Самарқанду Бухоро одамони босаводро ба он ҷойҳо сафарбар мекард.

Тавре ки гуфтем, Туғрал бо Қурбӣ дар алоқаи наздик буд. Шоир барои чопи девонаш азияти моддӣ мекашид. Қурбӣ ва шоирони дигар – Васлӣ, Тамҳид, Роҷӣ, Хилъат, Ҷавдат аз ҳисоби худ девони Туғралро дар матбааи Косон аз чоп бароварданд. Дар охири китоб муаллиф бо дӯстонаш барои чопи он бо порчаҳои шеърӣ миннатдории худро изҳор дошт.

*Буд яке фозили «Қурбӣ» лақаб,*
*Қурбати ӯ чопи маро шуд сабаб.*
*Он қадараш саъй дар ин кор буд,*
*Гарди ғам аз синаи ман ӯ сутуд,*
*Ҳар нафасу ҳар даму ҳар лаҳза ӯ,*
*Дошт дар ин амр басе ҷустуҷӯ.*
*Бандаи Қайюму ғуломи Ҳай аст,*
*Шаккаре чун лаъли лаби ӯ кай аст?*

Акнун Қурбӣ баробари бо корҳои ҳизбию давлатӣ банд будан, инчунин бо мақолаҳои таъсирнок дар матбуоти даврӣ фаъолона иштирок мекард. Ӯ дар ин гуна навиштаҳояш мардумро ба ҳаёти озодона ва саводомӯзӣ ҳидоят менамуд. Дар шабнишинҳо, ки дӯстонаш Тамҳид, Хилъати Ҷавдат, Ҷомеъ, Аҳмади Равнақ, Вадуд Маҳмудӣ ва дигарон иштирок мекарданд, Қурбӣ ҳамчун ходими фаъоли ҳизбу давлат барои бартараф кардани ҳаракатҳои душманон ва хоинони ҷамъият маърӯзаҳои оташин мекард.

Абдуқаюми Қурбӣ мехост барои пешрафти маънавияту маданияти тоҷикон нашрияе ташкил карда шавад. Зеро барои мардуми Самарқанд ин нашрия зарур буд. Ӯ ин масъаларо бо факту далелҳои раднопазир исбот кард. Дар ҳамин асос дар кумитаи ҳизб қарор қабул шуд ва ҳафтаномаи сиёсӣ-иҷтимоӣ ва адабию бадеии «Шӯълаи инқилоб» дар ҳаҷми 8 саҳифа таъсис ёфт. Адиби маърифатпарвари тоҷик Саидризо Ализода муҳаррир, Фахриддин Роҷӣ ва Ғуломалӣ Козимзода чун ходимони адабии ҳафтанома ба кор шурӯъ карданд.

Ҳаминро бояд гуфт, ки душманони миллат, алалхусус, пантуркистон барои нест кардани ин нашрияи тоҷикӣ ҳарҷониба ҳаракат мекарданд. Ин аст, ки ҳамагӣ 92 шумораи «Шӯълаи инқилоб» рӯйи чопро диду сипас баста шуд. Қурбӣ он замон дар Самарқанд набуд. Ӯро бо қарори Кумитаи марказӣ ба Тошканд ба кори ҳизб ба кор даъват карда буданд. Баста шудани ҳафтанома ба Абдуқаюми Қурбӣ сахт таъсир кард. Ӯ дар Тошканд кор кардан намехост. Зеро аксар дӯстонаш дар Самарқанд буданд. Чанд маротиба ба масъулони ҳизби коммунистии Туркистон ин мақсадашро гуфт. Онҳо такрор ба такрор мегуфтанд, ки ӯ дар Марказком бисёр зарур аст, чунки таҷрибаи калони ҳизбӣ дорад.

Абдуқаюм маҷбур шуд, ки дар Марказком 3-4 сол кор карда, ниҳоят ба Самарқанд баргардад.

Ӯро бо хушнудӣ пешвоз гирифтанд. Қурбӣ ба вазифаи ҷонишини раиси Кумитаи иҷроияи вилояти Самарқанд ба кор таъин гардид. Инак, дар ҳамон болохонаи Қурбӣ маҳфили дӯстон боз фаъолияти худро сар кард. Масъала хеле муҳим. Бояд ба ҷойи «Шуълаи инқилоб» нашрияи наве таъсис кунанд.

– Мо ба Марказком барои таъсиси нашрияи тоҷикӣ мактуб менависем, – ба Қурбӣ маънидорона нигоҳ карда, гуфт шоир Ҷавдат. – Шумо моро дастгирӣ кунед. Чунки дар Марказком дӯстони зиёд доред.

Қурбӣ дар ин бора фикрҳои Ализода, Фахриддини Роҷиро шуниду мақсади ба Самарқанд баргаштани ман аз ҳамин иборат аст, гуфт. Охир, мардуми Самарқанд ва атрофи он ҳама тоҷиканду ба забони модарии худ нашрия надошта бошанд, чӣ хел мешавад?! Мардуми Хуҷанду Панҷакент, Кӯлобу Помир ҳам нашрияҳои навро интизорӣ мекашанд. Оё ҳамин тавр нест? Бо савол муроҷиат кард Абдуқаюм ба атрофиёнаш.

Даву тозҳои равшанфикрон бо сарварии Қурбии ҷасур бе натиҷа намонд. 24-уми августи соли 1924 шумораи нахустини рӯзнома бо унвони «Овози тоҷики камбағал» аз чоп баромада, ба дасти ҳаводоронаш расид. Дар саҳифаи аввал мақолаи устод Садриддин Айнӣ бо унвони «Қавми тоҷик ва рӯзнома» эълон шуд, ки бо чунин гуфтаҳо оғоз ёфта буд. «Рӯзномаи ҳар як қавм ва миллат забони эшон аст. Ҳар қавме, ки рӯзнома надорад, гӯё забон надорад, яъне қавми бе рӯзнома мисли одами безабон аст».

Акнун Абдуқаюм мебоист ҳушёртар бошад. Зеро душманони миллат мехостанд чун «Шӯълаи инқилоб» бо иғвогарӣ ба нашрияи ягонаи «Овози тоҷики камбағал» монеъ шаванд. Аз ин боис сармуҳаррири рӯзнома дар атрофи худ як гурӯҳ эҷодкорон, аз қабили Садриддин Айнӣ, Саидризо Ализода, Нисор Муҳаммади Афғон, Ҷавдат, Бектош, Фахриддини Роҷӣ, Ҳоҷӣ Муин, Тӯрақул Зеҳнӣ, Раҳим Ҳошим барин адибону рӯзноманигорони пуртаҷрибаро муттаҳид карда, аз пайи пешбурди нашрияи навбунёд дар ҳаракат шуд. Мавзӯъ ва масъалаҳое, ки баҳри рушду камоли маънавияти мардуми маҳаллӣ асоситарин ба шумор мерафтанд, дар саҳифаҳои рӯзнома мунтазам дарҷ мешуданд. Шеъру ғазалҳои шоирони ҳамон давр, ки истиқлолият, маҳви бесаводиро тараннум мекарданд, дар ҳар шумораи рӯзнома ба чоп мерасид.

Аз чопи рӯзнома на танҳо мардуми Самарқанду Бухоро, балки халқу мардуми Хуҷанду Истаравшан, воҳаҳои Кӯлобу Помир низ шоду хуррам буданд. Барои паҳн кардани рӯзнома дар музофотҳои дурдаст сармуҳаррир Қурбӣ, равшанфикрон – шоир Пайрав Сулаймонӣ (аз Бухоро), Бадриддин Азизӣ, Ноил Шерзода (аз Ўротеппа), Қурбон Маҳмудзода (аз Хуҷанд), Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ (аз Фарғона)-ро ба кори нашрияи нави «Овози тоҷики камбағал» даъват намуд. Ақли ҷамоа якдилу якҷон шуда, ба мураккабиҳои замона нигоҳ накарда, рӯзномаро ба дасти мардум мерасониданд.

Абдуқаюми Қурбӣ дар он солҳои пуртаҳлука баробари сармуҳаррирӣ бо нишондоди Ҳизби коммунистӣ чанд муддат дар вазифаҳои масъулиятноки он замона фаъолият нишон дод. Масалан, ҳангоме ки ӯ дар вазифаи комиссари халқии ислоҳоти замини Тоҷикистон кор мекард, барои мардуми Бухорои Шарқӣ (қисми Тоҷикистони имрӯза) таъсис додани рӯзномаи «Бедории тоҷик» аз аввалинҳо шуда саҳмгузор шуд. Барои обуна ва паҳн кардани он якчанд шахсони маърифатпарварро ҷамъ карда, роҳу равиш нишон дод. Раиси комиссариати маориф Нусратулло Махсум Фатҳуллоев ва муовини ӯ Аббос Алиевро водор кард, ки ба кормандони рӯзнома аз наздик кумак расонанд. Абдуқаюми Қурбӣ инчунин дар музофотҳои Хуҷанд шуда, барои бунёди мактабҳои усули нав ва бо омӯзгорон таъмин кардани онҳо кумак мерасонад.

Он солҳо ба нашрияҳо роҳбарӣ кардан басо мураккаб буд. Дар ин бора нависанда Раҳим Ҳошим, ки корманди рӯзномаи «Овози тоҷик» маҳсуб мешуд, дар хотираҳояш менависад: «Коғаз на ҳама вақт дастрас буд. Рӯзҳоеро медонам, ки Қурбӣ ва Ализода барои дар вақташ чоп кардани газета аз савдогарҳо ба нася коғаз мегирифтанд». Ба ҳамаи ин қабил мушкилиҳо нигоҳ накарда, Абдуқаюми Қурбӣ ва ҳамкорон аз пайи нашри рӯзнома ва ташкил кардани мактабҳо ҳаракат мекарданд.

Моҳи феврали соли 1925 дар Самарқанд барои чопи китобҳои дарсию илмӣ нашриёти давлатӣ таъсис ёфт. Аз моҳи марти ҳамон сол Абдуқаюми Қурбӣ ба сифати адиб ва муҳаррири масъули рӯзномаи «Овози тоҷик», ҳамчун узви коллегияи нашриёти номбурда фаъолияти худро давом дод. Аммо дар айни камолоти эҷодӣ ӯ ба касалии диққинафас дучор шуд. Супоришҳои ҳизбиро адо кардан ба Қурбии маърифатпарвар гаронӣ кард. Ӯ бо як мушкилӣ кори рӯзнома ва нашриётро то соли 1926 ба ҷо овард. Аммо беморӣ рӯз то рӯз хурӯҷ мекард. Бинобар ин Абдуқаюм ихтиёран аз кори ҳизб ва матбуот даст кашида, бо касби падарӣ – заргарӣ машғул шуд. Лекин навиштани шеъру ғазалро тарк накард. Ҳамон мисли пештар дар болохона бо дӯстони худ шабҳои шеърхонӣ ташкил мекард. Аммо замон ноором шуда буд. Аз чӣ сабаб бошад, дӯстонаш Ҳоҷӣ Муин, домулло Ҷомеъ, Вадуд Маҳмудӣ ва чанде дигарон бо туҳмати ногаҳонӣ ба ҳабс гирифта шуданд. Дар ин мобайн ду-се фарзандони ӯ пасу пеш аз сабаби бемориҳои гуногун вафот мекунанд, пас он аҷали ногаҳонӣ модари пиронсолашро ба коми худ кашид. Қурбӣ рӯзҳои сахту вазнинро бо ҳамсари вафодораш Малоҳатбибӣ бо ғаму андӯҳ паси сар мекард.

Нимаи аввали солҳои 30-юми асри гузашта баҳабсгирии аҳли маориф хеле авҷ гирифт. Ҳар рӯз як хабари нохуш паҳн мешуд. Ин аст, ки аксар одамони босавод дар тарсу ваҳм монданд. Ин ҳолатро Абдуқаюм Қурбӣ ба хубӣ сарфаҳм мерафт. Мақсади он нобакорон барбод додани маърифату маданияти миллии мардуми маҳаллӣ буд. Қурбӣ аз он дар ҳарос буд.

Моҳи ноябри соли 1937 баногоҳ НКВД-чиён дар хона Қурбиро дастгир карда, бо мошини зиреҳпӯш гирифта мераванд. Малоҳатбибӣ кӯдаки парпеч дар оғӯш доду вой гӯён монд. Баъд маълум шуд, ки Қурбӣ бо айби аксулинқилобчӣ 10 сол ба бадарға ҳукм шудааст.

Баъди ду соли ин воқеа Малоҳатбибӣ дар ғами шавҳари вафодораш аз дунё гузашту тарбияи духтараки дусолааш Ӯлмасой ба зиммаи амаку аммаҳояш монд.

Ҳарчанд баъди вафоти Сталин аксар ҷадидон бегуноҳ ҳисобида номашон барқарор шуда бошад ҳам, дар бораи Қурбӣ чунин маълумот пайдо нашуд.

Фарзанди ягонаи Абдуқаюм Қурбӣ Ӯлмасой ва духтари босаводи ӯ Муборак Содиқова солҳои зиёд дар ҷустуҷӯйи ҳақиқат шуда, ба идораҳои дахлдор муроҷиат карданд. Ахиран суди вилояти Самарқанд ба аризаи онҳо 31-уми октябри соли 1986 чунин ҷавоб баргардонд:

«Суди вилоятӣ ба шумо хабар мерасонад, ки кори ҷиноии Қурбӣ (Ҳамроев) Абдуқаюм Ҳамроевич, яъне падари шумо, ки бо моддаи 66-уми қисми 6-уми Кодекси ҷиноии Ўзбекистон айбдор шудааст ва бо ҳукми Тройкаи НКВД-и Ўзбекистон 28-уми октябри соли 1937 маҳкум шуда буд, бекор карда шудааст. Дар ҳаракати падари шумо ҷинояте набудааст ва пурра сафед шудааст.

Раиси суди вилояти Самарқанд А.Мардиев».

Инак, ҳақиқат қарор ёфт ва пайвандон дар саркӯчаи ҳавлии Қурбӣ (ҳоло ин ҳавлии қадима барқарор) тахтасанги ёдгорӣ гузоштанд, ки дар он чунин навишта шудааст. «Қурбӣ – Абдулқаюм Ҳамроев (1886-1937) – шоир, адиб, арбоби ҷамъиятӣ, рӯзноманигор муҳаррири аввалини рӯзномаи «Овози тоҷик».

Ин ҳақиқат баъд аз 50 сол барқарор шуд.

**Ҳамза ҶӮРА.**

*САМАРҚАНД.*

# ДАР ХИДМАТИ МАРДУМ

***Зариф Холов аз ҳуқуқшиносони номии вилояти Сурхондарё аст, ки дар ҳалли низоъҳои додгоҳии шаҳрвандони минтақа фаъолона ширкат меварзад. Ӯ дар байни мардум маҳз туфайли донишу истеъдоди худ обрӯю эътибори хос пайдо кардааст. Вай 23 сол боз дар Шӯрои сурхондарёвии Федератсияи иттифоқҳои касабаи Ӯзбекистон кор мекунад ва бо ҷамоаҳои меҳнаткашони вилоят робитаи хуб дорад. Ҳоло дар вазифаи инспектори ҳуқуқи меҳнат ба аҳли меҳнати минтақа мунтазам кумакҳои ҳуқуқӣ мерасонад, омилҳои нақзи ҳуқуқи онҳоро омӯхтаву дар доираи қонунҳои ҷории ҷумҳурӣ ҳаллу фасл менамояд.***



– Низоъҳои меҳнатии байни коргарону кордиҳандагон дар ҳама давру замонҳо вуҷуд дошта, имрӯз низ зуд-зуд ба амал меоянд. Баъзе роҳбарон аз вазифа сӯиистеъмол карда, ҳуқуқи ходимонро дағалона поймол мекунанд. Дар чунин ҳолатҳо иттифоқи касаба ба кумаки онҳо мерасад ва аз ҳуқуқашон дифоъ мекунад, – мегӯяд Зариф Холов.

Аммо ин дар ҳолест, ки аксари мардуми мо аз ҳуқуқи худ ба таври кофӣ хабар надоранд ва ин омил боиси нигарониҳо ҳам ҳаст. Солҳои охир ҳукумати ҷумҳурӣ дар робита ба баланд бардоштани маърифати ҳуқуқдонии шаҳрвандон чораҳои муассир меандешад. Дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ дарсҳои алоҳида ташкил шудаанд ва воситаҳои ахбори умум низ дар ин бора пайваста ташвиқот мебаранд, то мардуми мо аз ҳуқуқи худ бохабар бошанд.

Бояд таъкид кард, ки Зариф Холов зодаи деҳаи Бибиширини ноҳияи Бойсун мебошад, ӯ 5 феврали соли 1974 дар оилаи омӯзгори варзида Халил Холов ба дунё омадааст. Ҳалол кор кардану нони ҳалол хӯрданро аз қиблагоҳи худ омӯхта, онро шиори зиндагиаш қарор додааст. Вай пас аз хатми факултаи ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон соли 1996 нахустин қадамҳои худро дар додгоҳи шаҳри Тирмиз чун котиб шурӯъ намудааст.

– Кор дар вазифаи котиби додгоҳ ҳуқуқшиносони ҷавонро обутоб ва дониши назарии онҳоро такмил медиҳад, – мегӯяд ӯ.

Зариф сипас дар идораҳои ҳайати вакилони мудофеи «Шеробод» ва «Мадад»-и шаҳри Тирмиз, ҳайати вакилони мудофеи вилояти Сурхондарё то соли 2005 фаъолияти кории худро идома дод. Ӯ соли 2005 ба Шӯрои сурхондарёвии Федератсияи иттифоқҳои касабаи ҷумҳурӣ ба ҳайси мудири шуъбаи ҳуқуқ ба кор гузашта, фаъолияти худро бо ҳаёти коргарон ва ҳифзи ҳуқуқи онҳо пайваст. Тӯли ин солҳо дар дифоъ аз ҳуқуқи меҳнаткашони вилояти Сурхондарё муттасил заҳмат мекашад ва вазифаи худро аз сидқи тамом ба сомон расонида, дар байни ҷамоаи меҳнатӣ обрӯю мавқеи хосе пайдо кардааст. Зариф Холовро ходимони муассисаҳои давлатӣ ва коргоҳҳои хусусии вилоят хеле хуб мешиносанд. Дар симои ӯ ҳимоятгари ҳуқуқҳои худро мебинанд ва ҳангоми зарурат ба ӯ муроҷиат карда, мушкилоти пешомадаро бо кордиҳандаи худ ҳал менамоянд.

Зариф ҳоло на танҳо барои ҳимояи ҳуқуқи меҳнаткашон часпу талош меварзад, балки аз тариқи ВАО низ алайҳи вайрон шудани қонунҳои ҷории кишвар, хоса қонунҳои вобаста ба меҳнат мақолаҳои зиёде ба нашр мерасонад, барои мустаҳкам шудани пояҳои ҳуқуқии Ӯзбекистони Нав саҳми муносиб мегузорад.

Соли гузашта мавсуф зиёда аз 30 мақола ба нашр расонида, дар байни ҳамтоёни худ дар корҳои тарғиботӣ ва ташвиқотӣ ҷойгоҳи муносиберо ба даст овард. Ҳамчунин дар идомаи сол ба ташкилоту муассисаҳои гуногуни вилоят рафтаву 63 суҳбат ва семинару хонишҳои омӯзишӣ ташкил намуд, ки садҳо одамони касбу кори гуногунро гирдиҳам овард. Ҳуқуқшиносоне чун Зариф дар таҳкими пояҳои ҳуқуқии давлати мо хидмати шоиста мекунанд.

**Баҳруллоҳ МУҲАММАДИЕВ,**
**мудири шуъбаи корҳои ташкилии Шӯрои сурхондарёвии Федератсияи иттифоқҳои касабаи Ӯзбекистон.**

# УМРИ МУФИДУ ПУРСАМАР

Дар байни мардуми мо зарбулмасале ҳаст, ки модарам онро ҳар замон вақте ки мо фарзандон дар хонаи падар ҷамъ мешудем, вирди забон меоварданд: «Ҳайфи хони падарам, гулҳош резад ба сарам». Бале, ин гӯйиши модарам моро ба дунёи кӯдакӣ мебарад, ёди он лаҳзаҳои бебокӣ, ёди он беғамиву шодиҳо, ёди оғӯши падар мекунад, аммо чӣ чора, тақдир чунин аст, яъне омадану рафтан.

Гарчанд гарон аст, имрӯз хостам ёди қиблагоҳам, сифати падарамро пеши шумо азизон иброз кунам, зеро чунин инсон будан барои касе намуна бошад, барои касе орзу аст.



Падарам Абдуҷамил Маҷидов 11 феврали соли 1948 ба олами ҳастӣ чашм кушода, дар зиндагӣ марде буданд фозилу оқил, хоксору фурӯтан, инсондӯсту инсонпарвар, хайрхоҳу хайрандеш... Ҳайфо, садҳайф, ки имрӯз ҷои эшон аз хонаи дида ба хонаи қалбу хотир кӯчид. Акнун канӣ он чеҳраи гарми падар, он симои нуронии қиблагоҳ. Имрӯз дар хилватҳои хаёл садои падарро мешунавам, дар олами тасаввур бо падар суҳбат дорам, аммо чӣ илоҷ, тақдирро таҳрир наметавон кард, дар ҳукми азал насиба ҳамин будааст:

*Падар бӯи ту дорад*
*ҷойнамозат,*
*Ба вақти саҷда*
*пайвандам ба розат.*
*Азон хонад саҳаргоҳон*
*муаззин,*
*Ба самъам мерасад*
*гуё овозат.*

Бале, ҳар вақт хонаи волидайн равам, дари падарро мекӯбам, насими фораме ёди қиблагоҳро аз гулу гиёҳу дарахтон ба машомам мезанад, гӯё эшон низ ташнаи дидоранду гилагузорӣ мекунанд.

Падарам дар зиндагӣ ҳамеша вақтро ғанимат мешумориданд ва беҳуда сарф намекарданд. Баъди ба нафақа баромадан шуғли асосии қиблагоҳам китобхониву боғдорӣ буд. Баъзан мо саргарми суҳбат мешудему падарам дар кунҷе ғарқи китобхонӣ буданд, китобҳои Абдулло Қодирӣ, Чингиз Айтматов, Мухтор Шохонов, Расул Ғамзатов, Мирмӯҳсин, Пиримқул Қодиров ва дигар соҳибқаламони ватаниву хориҷӣ қисм-қисм ҷой гирифта буданд. Мо вақте ба деҳа мерафтем, албатта барои қиблагоҳам 2-3 китоб мебурдем, ки тӯҳфаи олитарин ҳисоб меёфт. Қиблагоҳам дар зиндагӣ роҳи худро доштанд, ҳамеша ҳалолкориву ростгуфториро сифати олии инсон шуморида, дар зиндагӣ доимо амал мекарданд ва мо фарзандонро низ раҳнамо буданд. Ба гуфти шоир:

*Тухми покиву адолат кишт*
*кардӣ бар дилам,*
*Ростқавлу росткору*
*тозаимонам падар.*

Манзили дигаре, ки моро ба худ мекашаду аз қиблагоҳ дарак медиҳад, ин боғи наздиҳавлигии мост. Зеро шуғли дигари падарам боғдориву деҳқонӣ буд, ки аз падарбузургам боқӣ мондааст. Ӯ ҳамеша дар ҷустуҷӯи навъҳои ҷудогонаи гулу гиёҳ ва дарахт мегашт. Навъҳои нодир ва олитарини онҳоро пайдо карда мекошт, рӯзи худро бахшида парвариш мекард, ки аз ниҳолак ва қаламчаҳои хурдак дарахтони хушмеваю сарбафалаккашида пеш меомаданд.

Дирӯз сайри боғ доштаму лаҳзае аз овони кӯдакӣ ёдам омад, ки бо қиблагоҳ хуш гузаронидаву арзанда буд. Мавриди зикр аст, ки ман аз рӯзе, ки ҳуш дар сар дорам, падарам бо меҳнат моро тарбият мекард. Ҳар субҳ то вақти корӣ ва ҳар бегоҳ баъд аз кор, албатта ҳамроҳи бародаронам дар замини назди ҳавлӣ вақт мегузарониданд. Онҳо бел мезаданду ман ҳам духтараки 5 сола сатилчае дар даст, сангу чӯби падарам аз замин чидаро меандохтам ва аз ин коркунии худ пеш-пеши бародарон ва падар меболидам. Падарам бел мезаданд, ин лаҳза чашмам ба анори сари дарахт афтод ва аз падар хоҳиш кардам, ӯ дастрас кард. Ман бо ҳавсала ба даҳон бурда дандон задам, аммо афсӯс дандонам ба анор бозмонду канда шуд ва доду фарёди ман ба фалак печид. Ӯ маро таскин медод, ки дандони нав мебарояд, гиря накун, аммо ноилоҷ.

Охир дили маро ёфт, он вақт хоҳари калониам дар Тоҷикистон донишҷӯи Институти тиббӣ буду падару модар сари вақт ба дидорбинӣ мерафтанд. Падарам, «агар гиря накунӣ ман туро ба Душанбе мебарам ва лӯхтакча гирифта медиҳам, чӣ хел лӯхтакча мехоҳӣ?» – гуфтанд. Ин сухан манро хуш омад ва таскин дод. Бо ҳозирҷавобӣ: «лӯхтакчаи калон мехоҳам, то ки гиря кунад ва ман ӯро алла гӯям», – гуфтам.

Падарам дарҳол модарамро овоз дода, гуфтанд, ки оши палав кун, ба Душанбе меравем. Аз ин гуфтаҳо ман болу пар гирифтам, дарҳол ба пӯшидани куртаҳои парпару гирдаки худ пардохтам, хеле мамнун будам. Ин рӯзе буд барои ман фаромӯшнопазир. Мо деги ошро ҳамроҳ гирифтему савори мошин сӯйи Душанбешаҳр равон шудем. Моро амакам Абдукарим пешвоз гирифтанд ва баъди аҳволпурсӣ падарам, дарҳол ба мақсад гузашта, дар кӯҷо лӯхтакчаи калон пайдо карда метавонем, ки гиря кунад ва «оча»-и (падарам моро бештар чунин муроҷиат мекарданд) ман онро «алла» гӯяд. Мо ба чанд мағоза даромада баромадем, аммо рӯз бегоҳ шуду «гиряи» лӯхтакча шунида нашуд. Мувофиқи ваъда бояд бегоҳ ба хона баргардем, азбаски лӯхтакчаро наёфтем, падарам азми рафтан накарданд. Рӯзи дигар мо шаҳрро тамошо карда, ниҳоят лӯхтакчаро пайдо кардем, дарҳақиқат калон буду хоб равад гиря мекард ва рост монам табассум...

Дар ин мисраъҳо низ эҳсоси ҷонбозиҳои падар баҳри фарзандро мебинем, ки сарояндаҳои мо хуш зам-зама мекунанд:

*Намак дар комҳо*
*ширинтар аз шаҳду шакар*
*гардад,*
*Ҷигарҳо хун шавад то як*
*писар мисли падар*
*гардад.*
*Падар аз шавқи дил дар*
*кӯдакӣ дасти писар гирад,*
*Ба умеде, ки дар пирӣ*
*писар дасти падар гирад.*

Падарбузургам деҳқон шудани қиблагоҳамро мехосту аз деҳ дур шудан намегузошт, қиблагоҳи ташнаи илмам донишгоҳро як сол хонда ба деҳ баргаштанд ва чун хоҳиши падар деҳқон шудаанд.

Падарбузургам дар асл инсони соҳибилм буда, дар замони худ хазиначӣ, ҳисобчии колхоз ва баъдан раис будаанд. Аммо бо баъзе сабабҳо аз ҳама кор даст кашидаанд ва деҳқон буданро авло шуморида, ба фарзандонашон низ ин роҳро ҷоиз донистаанд. Қиблагоҳам гарчанд бо хоҳиши падар баргашта бошанд ҳам, шавқу завқи илму тадрисро дар қалб ҷой намуда, баъди фавти падар бозпас рафта, донишгоҳро идома медиҳанд. Он кас барои фарзандон ҳамеша шароити илму таълимро омода сохтанд, гарчанд хоҳиши хонданро надошта бошем ҳам, «то нахонда пушаймон шудана, хонда пушаймон шавед, то ки аз баракоти ҳамон дониш зиндагиатон хуш, фарзандонатон соҳибилм шавад», – мегуфтанд.

Аз файзи хонадон, муҳити солим ва фарзандони хушахлоқу ҳамсари меҳрубон қиблагоҳам ҷавону нуронӣ буданд. Албатта падарам инсони бадавлат буданд. Анқариб 50 нафар набераю абераҳо шаҷараи он касро зиндаю поянда медоранд. Фарзандон бо шарафи тарбияву раҳнамоии падару модар дар ҳаёту зиндагӣ мавқею мартабаи худро ёфтаанд. Ҳусния – шифокори бонувон ва момодоя, Сайфиддин – муҳандиси соҳаи энергия, Садбарг – ҳамшираи шафқат, Садриддин – шифокор, Баҳриддин – профессори Донишгоҳи политехникии Тоҷикистон, Сарвиноз – тарбиятгари фарзандон, Сабоҳат – дотсенти Донишгоҳи давлатии Самарқанд, Аслиддин – муҳандис, Сайёра – муаллимаи категорияи олии забони англисӣ, Амриддин – иқтисодчӣ. Мо назди падару модар сари таъзим фуруд меорем, зеро бо дуову ҷидду ҷаҳди эшон чунин камолот насибамон гаштааст, ки ҳаваскунанда аст.

Падару модари меҳрубонам 54 сол бо ҳам зиндагонӣ карданд, ки имрӯз барои фарзандон, хешу табор, ҳамсоя ва атрофиён намунаи ибрат аст. Падару модар муҳаббати самимӣ доштанд, ҳамдигарро хеле дӯст медоштанд, эҳтиром мекарданд, ки муносибати онҳо ҳама вақт бо меҳру муҳаббат буд. Мегӯянд, аз беҳтарин инсонҳо аъмоли нек боқист, вагарна суханони нек рӯйи деворҳо низ навишта мешавад.

Дар сифати зиндагии қиблагоҳам низ бо ҳамин андеша иктифо мекунем ва ҳамеша бо меҳру муҳаббат ёд мекунем, то хонаи охираташон обод бошад.

*Рафтиву талоши рӯҳу*
*ҷонат боқист,*
*Ёди ту чу нури хонадонат*
*боқист.*
*То мо ба ҷаҳон ному*
*нишоне дорем,*
*Маҳбуб падар,*
*ному нишонат боқист.*

**Сабоҳат МАҶИДОВА,**
**дотсенти Донишгоҳи давлатии Самарқанд.**

*Ба 1126 маҳаллаи вилояти Самарқанд ба сифати туҳфаи Президент таҷҳизоти варзишӣ барои оммависозии варзиш дар байни ҷавонон супурда шуд, ки ба афзунсозии иштирокдорон дар мусобиқаи «Олимпиадаи панҷ ташаббус» нигаронида шудааст.*

*Дар чорабинӣ ба ин муносибат директори Агентӣ оиди ҷавонон Алишер Саъдуллоев иштирок кард ва қайд намуд дар мусобиқаҳои порсолаи «Олимпиадаи панҷ ташаббус» ҷавонони самарқандӣ пешсаф буданд. Ба маҳаллаҳои тамоми навоҳӣ ва шаҳрҳои вилоят беш аз 10 ҳазор нусха таҷҳизоти варзишӣ дар чаҳор намуд тақдим карда шуд. Хотиррасон мекунем, соли гузашта дар ин гуна олимпиада ҷавонони самарқандӣ дар ҷумҳурӣ ҷойи аввалро гирифтанд.*

***Суратгир: А. ИСРОИЛОВ (ӮзА).***




# ТАҒЙИРОТ ДАР СОҲАИ ТАЪЛИМ

***Дар Хонаи матбуоти вилояти Самарқанд бо иштироки масъулони Садорати таълими томактабӣ ва мактабии вилоят анҷумани матбуотӣ баргузор гардид.***

Нахуст иҷрокунандаи вазифаи сарвари садорат Фаррух Болтаев дар бораи корҳое, ки соли 2023 дар соҳаи таълим амалӣ гардиданд ва вазифаҳои устувори соли 2024 ҳарф зад.

– Соли 2023 дар вилоят 14 ташкилоти таълими томактабии давлатӣ, 8-то кӯдакистон дар асоси шарикии давлатӣ-хусусӣ, 342-то кӯдакистони ғайридавлатӣ ташкил гардида, шумораи умумии кӯдакистонҳо ба 4075 ва сатҳи бо таълими томактабӣ фарогирии кӯдакон ба 70,4 фоиз расид, – гуфт Ф.Болтаев. – Дар соли 2024 ба 71,6 фоиз расонидани фарогирии кӯдакон бо таълими томактабӣ пешбинӣ шудааст.

Соли равон ба курсҳои такмили ихтисос ҷалб кардани 60072 нафар омӯзгорони мактабҳо, 1120 нафар кормандони ташкилотҳои таълими томактабӣ дар назар аст.

Дар соли 2024 ба 126 мактаби ҳамагонӣ тақдими 2016 дона компютер, ба 615 мактаб доскаҳои электронӣ, илова бар ин, сохтмони 4 мактаби нав ва таъмири асосии 102 мактаби ҳамагонии вилоят муқаррар гардидааст.

Дар идома сарвари шуъбаи Садорати таълими томактабӣ ва мактабии вилоят Ғайрат Бобохолов дар бораи мазмуну моҳияти қарори Девони Вазирон аз 29-уми декабри соли 2023 «Дар бораи ворид кардани тағйирот ва иловаҳо ба қарори Девони Вазирон аз 17-уми сентябри соли 2021 «Дар бораи чораҳои такмилдиҳии тартиби аз аттестатсия гузаронидани кадрҳои педагогии ташкилотҳои таълими томактабӣ, умумӣ, миёнаи махсус, касбӣ ва берун аз мактаб» ба муносибати такмилдиҳии тартиби аз аттестатсия гузаронидани кадрҳои педагоги ташкилотҳои таълими томактабӣ, умумӣ, миёнаи махсус, касбӣ ва берун аз мактаб маълумот дод.

– Пештар фаъолияти омӯзгороне, ки ба аттестатсия ҷалб мешуданд, дар зинаи аввал аз ҷониби шӯроҳои педагогӣ (назоратӣ)-и муассисаи таълимӣ омӯхта шуда, дар асоси мизони 20 холӣ баҳогузорӣ ва маълумотнома тақдим мегардид, – гуфт Ғ. Бобохолов. – Дар зинаи дуюм педагогҳоро зарур буд, ки дар санҷишҳои тест 80 хол ҷамъ оваранд.

Мувофиқи тартиби нав омӯзгорони ташкилотҳои таълими томактабӣ, мактабӣ ва беруназмактабӣ дар зинаи аввал аз рӯйи фанни ихтисосӣ ва стандарти касбӣ ба 40 савол ҷавоб дода, 80 хол (ба ҳар ҷавоби дуруст – 2 хол) ҷамъ мекунанд. Дар зинаи дуюм бо мақсади муайян кардани маҳорати педагогии омӯзгорон доир ба истифодаи методҳои пешқадам ва технологияҳои замонавӣ 10 супориш ва дар маҷмӯъ 20 хол (барои ҳар як ҷавоби дуруст – 2 холӣ) дода мешавад. Яъне тартиби тақдими маълумотнома аз мактабҳо бекор карда шуд. Минбаъд ин тартиб танҳо барои кадрҳои педагогии ташкилотҳои таълимии миёнаи махсус ва касбӣ амал мекунад.

**Ф. ЮЛДОШЕВ.**
*Вилояти САМАРҚАНД.*

# САМТҲОИ БАРТАРИНОКИ ОМӮЗИШИ МАҲАЛЛА ВА ОИЛАҲО

Бо супориши Раисҷумҳури Ӯзбекистон бо мақсади беҳдошти муҳити маънавӣ ва маърифатӣ, бо мақсади омӯхтан ва ҳал кардани муаммоҳои аҳолӣ аз рӯи минтақаҳо гурӯҳҳои кории ҷумҳурӣ ташкил карда шуданд.

Чанде пеш дар Маркази ҷавонони Самарқанд ҷамъомади гурӯҳи корие баргузор гардид, ки ба вилояти мо вобаста карда шудааст.

Ба ҷамъомад раиси Иттиҳодияи маҳаллаҳои Ӯзбекистон, роҳбари гурӯҳи корӣ Қаҳрамон Қуронбоев сарварӣ кард. Дар он аввал масъалаи ташкилӣ баррасӣ гардид.

Шералӣ Юлдошев ба вазифаи сардори садорати вилоятии Иттиҳодияи маҳаллаҳои Ӯзбекистон таъин шуд.

Сипас, масъалаҳои асосӣ роҷеъ ба вазифаҳои асосии гурӯҳи корӣ, самтҳои бартариноки омӯзиши маҳалла ва оилаҳоро муҳокима карданд. Дар вилоят 4-то штаби минтақавӣ ташкил карда, ба онҳо роҳбарони идора ва ташкилотҳои масъулро вобаста намуданд.

– Ба ҳар як маҳалла рафта, фаъолияти сарварони онро дар даври гузашта ва шароити аҳолиро меомӯзем, – гуфт Қ. Қуронбоев. – Муаммои онҳоеро, ки мӯҳтоҷи ҳимояи иҷтимоӣ мебошанд, танҳо бо ёрии моддӣ ҳал карда намешавад. Баръакс, аз он мумкин дар онҳо кайфияти боқимондагӣ пайдо шавад. Бинобар ин, ба ки ва чи хел ёрмандӣ лозим буданашро саҳеҳ дониста, бар ҳамин асос «Харитаи роҳ»-и бомансизили вилоятро таҳия бояд кард.

Дар ҷамъомад масъалаҳои касбомӯзии ҷавонон, ташкили пурмазмун гузарондани вақти холии онҳо низ муҳокима гардиданд. Аз ҷумла, дар вилоят роҳандозии додани диплом ба хатмкунандагони мактаб роҷеъ ба касб ва забони хориҷие, ки дар давоми таҳсил омӯхтаанд ва дар ҳамин самт ташаккул додани таҷрибаи Самарқанд пешниҳод карда шуд.

– Азбаски солҳо дар сохтори маҳалла кор кардаам, аҳамияти ислоҳотеро, ки дар он амалӣ мешаванд, хуб дарк мекунам, – гуфт ҳокими шаҳри Каттақӯрғон Гавҳар Алимова. – Дар маҳалла ташкил шудани фаъолияти сарвари ҷавонон, фаъолияти занону духтарон ҷараёни дер боз мунтазир шуда буд. Акнун ин сохтор ба «ҳафтгона», ба ҷамоаи пурқувват табдил ёфт. Вазифаи мо дастгирии онҳо ва ҳал кардани мушкилоти мавзеъҳо дар ҳамкорӣ аст.

Гурӯҳи корӣ дар маҳаллаҳо ташкили корҳоро дар самтҳои фаъолияти «ҳафтгонаи маҳалла», таълими шуғли аҳолӣ ва аз ҳама беш ҷавонон, ривоҷдиҳии тадбиркорӣ, дар байни аҳолӣ гузарондани тадбирҳои маънавӣ-маърифатӣ ва варзишӣ, роҳандозӣ кардани тамоюли «Маҳаллаи бехавф»-ро ба таври таҳлилӣ омӯхта, барои бартараф кардани муаммоҳо додани ёрии ташкилӣ-услубиро муайян кард.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-128.
Адади нашр 339. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: М. Шодиев.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 22.00

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.